# 26991 - Дуо дар намози ид

## савол

Кадом дуо дар намози ид хонда мешавад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мо ягон дуои махсусеро намедонем, ки дар намози ид ё рӯзи ид барои мусулмонон машрӯъ бошад. Вале такбир (Аллоҳу акбар), тасбеҳ (Субҳоналлоҳ), таҳлил (Ло илоҳа иллаллоҳ) ва таҳмид (Алҳамду лиллоҳ) гуфтан барои мусулмонон дар шаби идайн (иди Фитру Азҳо) ва субҳи рӯзи идайн то охири хутбаи иди Фитр ва то охири айёми ташриқ, рӯзи иди Азҳо машрӯъ аст, чуноне ки он дар даҳаи аввали моҳи Зулҳиҷҷа низ машрӯъ аст, зеро Аллоҳ таъоло оиди иди Фитр фармудааст:

وَلِتُكْمِلُوا الْعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُوا اللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَاكُمْ البقرة / 185

**«То шумораи (рӯзҳои Рамазон)-ро комил кунед ва Аллоҳро барои он ки шуморо ҳидоят кардааст, ба бузургӣ ёд кунед».** (Сураи Бақара: 185).

Ва инчунин ҳадисҳову асарҳое дар ин мавврид ворид шудааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.